# Калимаҳои асосӣ: Маҳсулотҳои ёрирасони худнигоҳубинӣ

| Истилоҳ | Таъриф | Тасвир |
| --- | --- | --- |
| **Маҳсулоти ҷабанда** | Маҳсулоти ҷабанда пешоб ва маводҳои аз рӯдаҳо чакандаро ба худ ҷазб мекунанд ё дар худ нигоҳ медоранд. Маҳсулоти ҷабанда метавонад шуста шавад ё танҳо барои истифодаи якдафъаина бошад. Онҳоро пӯшак ё уребча низ меноманд. |  |
| **Катетер** | Лӯлачаи мулоим, ки барои холӣ кардани пешоб аз пешобдон истифода мешавад. Баъзе шахсоне, ки мустақилона ё ихтиёран пешобдони худро холӣ карда наметавонанд, аз он истифода мекунанд. Вобаста ба навъи катетер, дигар таҷҳизот, ба монанди халта барои по, лозим мешавад. |  |
| **Қобилияти танзим кардани функсияҳои экскреторӣ** | Қобилияти ихтиёран назорат кардани тахлияи (холӣ кардани) пешобдон ва рӯда дар ҷои аз назари иҷтимоӣ қобили қабул. Инро метавон ҳамчун бомуваффақият рафтан ба ҳоҷатхона тавсиф кард. | |
| **Гигиенаи шахсӣ** | Қобилияти тозаву озода нигоҳ доштани худ, то хавф ба саломатӣ, ба монанди уфунат (инфексия) ва осеби пӯст, ки молиш ё намнокӣ боиси он гаштааст, коҳиш дода шавад. |  |
| **Захми фишорӣ (бистарзахм)** | Захми фишорӣ – ин кандани пӯст аст. Одатан он дар қисмати устухонии бадан ба вуҷуд омада, мушкилоти паҳнгаштаи шахсоне ба шумор меравад, ки бо ҳис (эҳсос) ё ҳаракат кардан ва тағйир додани мавқеи худ ба мушкилот дучор ҳастанд. | |
| **Назорат карда натавонистани функсияҳои экскреторӣ** | Вақте ки шахс ихтиёран тахлияи пешобдон (дошта натавонистани пешоб) ё рӯда (дошта натавонистани рӯда)-и худро назорат карда наметавонад. | |
| **Худнигоҳубинӣ** | Худнигоҳубинӣ маънои муроқибат (нигоҳубин) аз худро дорад. Ин модули TAP ба фаъолиятҳои худнигоҳубинӣ, ки шахс ҳамарӯза ба хотири баровардани эҳтиёҷоти асосии худ анҷом медиҳад, диққати асосиро равона мекунад. Масалан: шустан, ба ҳоҷатхона рафтан, либос пӯшидан, хӯрдан ва нӯшидан. | |

| | | |
|---|---|---|
| **Маҷрои пешоб** | Маҷрои пешоб ҷузъи системаи идрории мо ба шумор меравад. Пешоб ба воситаи маҷрои пешоб аз пешобдони шахс ба беруни бадани ӯ хориҷ мешавад. |  |